***Қисми 1: ҳар як супориш бо 0,9 хол баҳогузорӣ карда мешавад***

1. Ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ, феълӣ ва зарфӣ ба кадом намуди ибораҳо мансубанд?
А) наҳвӣ
Б) фразеологӣ
В) сарфӣ
Г) овозшиносӣ

2. Мувофиқи маълумоти олимон кадом китоби таърихӣ дар шакли китоб аввал ба забони арабӣ таълиф шуда, соли 1843 бо қалами Мирзо Абдуллатифи Тасуҷии Табрезӣ ба форсӣ тарҷума шудааст?
А) “Чор дарвеш”
Б) «Ҳазору як шаб»
В) “Самаки айёр”
Г) “Ёдгори Зарирон”

3. Ҷумлаи тобеъшавандаро чӣ меноманд***?***
А)  сарҷумла
Б) ҷумлаи тобеъ
В) ҷумлаи пайрав
Г) ҷумлаи мураккаб

4. Суханҳои зерин: «Ҳилолӣ қувваи ҳофизаи хеле қавӣ доштааст. Си-чиҳил ҳазор байт ёд медонистааст. Мегӯянд, ки аксарияти абёти хамсатайнро аз ёд медонад. Дар илми арӯз, қофия ва шеър хеле ҳозирчавоб аст» ба қалами кадом адиб тааллуқ дорад?
А) Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
Б) Малеҳои Самарқандӣ
В) Хоҷа Ҳасани Нисорӣ
Г) Заҳириддин Муҳаммад Бобур

5. Ибораҳои гули сари сабад, мурғи посӯхта, чашм дӯхтан, ба курта нағунҷидан ба кадом навъи ибораҳо тааллуқ доранд?
А) фразеологӣ
Б) наҳвӣ
В) сарфӣ
Г) овозшиносӣ

6. Кадом адиб арзиши бузурги ғоявию бадеии осори Аҳзиро дар асари худ чунин ба қалам додааст: «Ин абёт (яъне осори Аҷзӣ) ҳама интибоҳӣ ва танбеҳӣ аст, агар авроқи ин маҷмӯа тангӣ иамекард, ҳар байтеро ба сафҳае шарҳ додан лозим меомад, хонандагони гиромӣ зинҳор, ки сарсарӣ нагузаранд»?
А) Тошхоҷаи Асирӣ
Б) Садриддин Айнӣ
В) Мирзо Сироҷ
Г) Садри Зиё

7. Калимаҳои ҳамнисбат одатан ба вазифаи ягон аъзои сарҷумла омада, бо кадом пайвандак ҳамнисбат мешаванд ва сарҷумлаю ҷумлаи пайравро бо ҳам муттаҳид карда, ба як ҷумлаи мураккаб табдил медиҳанд?
А) ва
Б) чӣ
В) ки
Г) у

8. Қиссаҳои кадом китоби таърихӣ афсонаҳои халқии мардуми Ҳиндустонро дар бар гирифта, муаллифи чунин қиссаҳо дар ҷараёни нақли ҳодисаву воқеаҳо аз назми волои Ҳофизи Шерозӣ, Ҷомӣ ва дигар шоирони шинохтаи форсу тоҷик ба таври фаровон истифода намудааст?
А) “Самаки айёр”
Б) “Ҳазору як шаб”
В) “Шоҳнома”
Г) «Чор дарвеш»

9. Ибораи “ба деҳа рафтан” ба кадом навъи ибора тааллуқ доштанашро муайян кунед?
А) ибораҳои феълӣ
Б) ибораҳои зарфӣ
В) ибораҳои ҷонишинӣ
Г) ибораҳои сифатӣ

10. Кадом адиб ба эҷодиёти Абдураҳмони Мушфиқӣ баҳои баланд дода, баъзе ғазалҳои ӯро ҳамчун намунаи баландтарини шеър дар адабиёти классикии тоҷик қайд кардааст?
А) Хоҷа Ҳасани Нисорӣ
Б) Садриддин Айнӣ
В) Холиқ Мирзозода
Г) Алишер Навоӣ

***<u>Қисми 2: ҳар як супориш бо 1,5 хол баҳогузорӣ карда мешавад</u>***

11. Ҷумлаи мураккабе, ки барои ифодаи фикри умумӣ аз сарҷумла ва ҷумлаи пайрав тавассути алоқаи тобеъ ташкил ёфтааст, чӣ номида мешавад?
А) ҷумлаи мураккаби пайваст
Б) ҷумлаи мураккаби пайвандакдор
В) ҷумлаи мураккаби тобеъ
Г) сарҷумла

12. Кадом адиби маорифпарвар дар Бухоро бо лақаби Мирхон ва дар Эрону Афғонистон бо лақаби Собир машҳур будааст?
А) Садри Зиё
Б) Шавкати Бухороӣ
В) Сиддиқии Аҷзӣ
Г) Мирзо Сироҷ

13. Мисоли зерин: «Барои Ватан ҷонро фидо мекунем» ба намуди кадом ҷумлаи соддаи яктаркиба мансуб аст?
А) ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс
Б) ҷумлаи яктаркибаи номуайяншахс
В) ҷумлаи яктаркибаи бешахс
Г) ҷумлаи яктаркибаи умумишахс

14. Кадом фасли “Авесто” аз готҳо, яъне сурудҳо иборат буда, онхо асосан сурудхои мадҳиявӣ мебошанд?
А) “Яшт”
Б) «Ясно»
В) “Хурд Авесто”
Г) “Меҳр”

15. Кадом намуди ҷумлаи пайрав ба воситаи пайвандаки «ки» ба сарҷумла вобаста шуда, ҳамеша баъд аз сарҷумла воқеъ мегардад?
А) ҷумлаи пайрави муайянкунанда
Б) ҷумлаи пайрави мубтадо
В) ҷумлаи пайрави пуркунанда
Г) ҷумлаи пайрави хабар

16. Дар адабиёти асри XVII нисбат ба дигар навъҳои назм дар баробари ғазал боз кадом жанр ривоҷ меёбад?
А) маснавӣ
Б) қасида
В) мусаддас
Г) мухаммас

17. Ҷумлаи соддаи яктаркибае, ки хабари он ба воситаи феъли шахси сеюми ҷамъ ифода меёбад, чӣ ном дорад?
А) ҷумлаи яктаркибаи номуайяншахс
Б) ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс
В) ҷумлаи яктаркибаи бешахс
Г) ҷумлаи яктаркибаи умумишахс

18. Суханҳои зерин: «дар замони таҳсилам (дар Хӯқанд) шоири машҳур ва фозили кабир, яъне Мулло Юнусҷони Шағовул... аз байни аҷзои коғазпораҳояш як ғазалро гирифта «писарам, ба мувашшаҳи мо мубанно ба исми Юлдошхон мухаммас ё худ ба тариқи татаббӯъ ҷавоб нависед» ба қалами кадом адиби маорифпарвар мансуб аст, муайян кунед?
А) Сиддиқии Аҷзӣ
Б) Тошхоҷаи Асирӣ
В) Нақибхон Туғрал
Г) Абдурауф Фитрат

19. Кадом намуди ҷумлаи пайрав гурӯҳи алоҳида ва хеле калони ҷумлаҳои пайравро ташкил медиҳанд?
А) ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда
Б) ҷумлаҳои пайрави пуркунанда
В) ҷумлаҳои пайрави ҳол
Г) ҷумлаҳои пайрави мубтадо

20. Кадом асари таърихиро соли 1890 эроншиноси фарангӣ Э. Бенивист ба нашр омода карда, мувофиқи хулосаҳои илмии ӯ асари мазкур аввалин достони давраи сулолаи аршакиҳо (ашкониён) будааст?
А) “Ҳазору як шаб”
Б) “Авесто”
В) “Калила ва Димна”
Г) «Ёдгори Зарирон»

***Қисми 3: ҳар як супориш бо 2,6 хол баҳогузорӣ карда мешавад***

21. Зарбулмасали зерин: “Дарди худ пеши дардмандон бигӯ” ба навъи кадом ҷумлаи соддаи яктаркиба тааллуқ дорад?
А) ҷумлаи яктаркибаи умумишахс
Б) ҷумлаи яктаркибаи унвонӣ
В) ҷумлаи яктаркибаи бешахс
Г) ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс

22. Соиб шеърҳояшро аз рӯйи мавзӯъҳо ба қисматҳо ҷудо карда, ба ҳар яке мувофиқи мавзӯъ сарлавҳа гузоштааст. Масалан, ӯ шеърҳои ба васфи оина ва шона гуфташударо чӣ ном гузоштааст?
А) «Миръот-ул-ҷамол»
Б)  «Ороиши нигор»
В) «Майхона»
Г) «Воҷиб-ул-ҳифз»

23. Ҷумлаи пайрави тарзи амал пеш аз чӣ, дар мобайн ва пас аз он воқеъ мегардад?
А) саркалима
Б) саҳиҷо
В) сарҷумла
Г) сарибора

24. Кадом адиби маорифпарвар бо шоирони тавонои ин давр Шамсиддини Шоҳин ва Гулшании Бухороӣ ҳусни таваҷҷӯҳ ва робитаву эътиқод дошта, Шоҳинро устод шинохтааст ва дар ҷавоби достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и вай «Лайлӣ ва Маҷнун»-и худро таълиф кардааст?
А) Сиддиқии Аҷзӣ
Б) Абдурауф Фитрат
В) Садриддин Айнӣ
Г)  Нақибхон Туғрал

25. Дар ҷумлаҳои соддаи бешахс кадом намуди сиаръазои ҷумла, одатан, дар шакли таркибӣ меояд?
А) хабар
Б) мубтадо
В) ҳол
Г) пуркунанда

26.Кадом китоби таърихӣ дар асри X бо амри вазири донишманди Сомониён Абулфазли Балъамӣ аз арабӣ ба форсӣ тарчума шуда ва аз рӯи ҳамин тарҷума Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ин асарро ба назм даровардааст?
А) “Ҳазору як шаб”
Б) «Калила ва Димна»
В) “Авесто”
Г) “Чор дарвеш”

27. Кадом намуди ҷумлаи пайрави ҳол ба воситаи пайвандакҳои *ки, ... чунон ки, мисли он ки (ин ки), ҳамчунон ки, гуё, гуё ки* ба сарҷумла вобаста мешавад?
А) ҷумлаи пайрави сабаб
Б) ҷумлаи пайрави мақсад
В) ҷумлаи пайрави монандӣ
Г) ҷумлаи пайрави макон

28. Суханҳои зерин: «...шӯҳраташ, - мегӯяд Малеҳо, - дар байни хосу ом, ҳар кас шеъри ӯро медонад ва ҳар шахс бошад мехонад ва ашъори ӯро мардум беҳтар медонанд ва бештар мехонанд» дар бораи кадом адиби бузурги тоҷик гуфта шудааст, муайян кунед?
А) ба Абдураҳмони Ҷомӣ
Б) ба Шавкати Бухорой
В) ба Бадриддин Ҳилолӣ
Г) ба Сайидои Насафӣ

29. Ҷумлаи пайрави замон бар эзоҳи калима ва таркибҳои ҳамнисбат *(вақте, замоне, ҳангоме, дар он вақт, ҳамон вақт, он дам, ҳанӯз)* меояд. Дар ин гуна мавридҳо ҷумлаи пайрави замон бо сарҷумла тавассути кадом пайвандак алоқаманд мегардад?
А) ки
Б) агар
В) лекин
Г) ғайр аз ин

30. Кадом адиби маорифпарвар маълумоти аввалинро дар Бухоро гирифта, баъд муддате дар мадрасаи «Мири Араб» таҳсил кардааст. Бо сабаби номувофиқатии ақидаҳояш бо усули таълим дар мадрасаҳои Бухоро соли 1909 таҳсилро тарк гуфта, ба мадрасаи олии динии Воизини Истамбул меравад?
А) Мирзо Сироҷ
Б) Абдурауфи Фитрат
В) Садри Зиё
Г) Ҷалол Икромӣ